**ТАҚРИЗИ**

**муқаризи расмӣ ба диссертатсияи Резмонова Қурбоной Шарифовна дар мавзуи: «Маҳсулнокии намунаҳои гандуми мулоим (*Triticum aestivum* L.) аз коллексияи ИУР-и Федератсияи Россия дар шароити ҷануби Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ пешниҳод шудааст.**

**Мубраммияти мавзуи таҳқиқот.** Дар Тоҷикистон таъмин намудани аҳолӣ бо озуқа, яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Зиёд кардани истеҳсоли ғалла дар шароити гузариш ба муносибатҳои иқтисодии бозоргонӣ ва босуръат зиёд шудани аҳолӣ боз ҳам масъалаи ҳаётӣ ва рӯзмарра шудааст. Дар ҷумҳурӣ имконияти минбаъд зиёд кардани истеҳсоли ғалла аз ҳисоби васеъ намудани масоҳати майдонҳои кишт маҳдуд мегардад. Бинобар ин, зиёд шудани ғалла бояд, аз ҳисоби баланд бардоштани ҳосили зироатҳои ғалладонагӣ амалӣ гардонида шавад. Дар сурати дуруст риоя намудани технологияи парвариш, истифода намудани навъҳои сермаҳсул ва самаранок истифода бурдани заминҳои корам (махсусан заминҳои обёришаванда) имконияти воқеии истеҳсоли ғалла ба миқдори 1,8-2,0 млн.тонна дар ҷумҳурӣ мавҷуд аст.

Дараҷаи ҳосилнокии зироатҳои ғалладонагӣ ноустувору тағйирёбанда аст. Ин ҳолат ба хусусиятҳои минтақавӣ, пеш аз ҳама ба таъминнокии киштзор бо намӣ, дараҷаи ҳосилнокии хок, хусусиятҳои биологии зироатҳо, навъи онҳо ва махсусан ба сатҳи агротехникаи парвариши зироатҳо вобаста аст. Муайян кардани ҳосилнокии зироатҳои ғалладонагӣ вобаста ба захираҳои хокию иқлимии ҳар як минтақаи мушаххаси ҷумҳурӣ аҳамияти калон дорад.

Мавзуи диссертатсия ба самти афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ алоқамандӣ дошта, он ба Консепсияи сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №658 аз 31 декабри соли 2008 оид ба рушди таъминоти комплексии агросаноатии мамалакат равона карда шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мақсади ва вазифаи диссертатсия-** ин омӯзиши аломатҳои морфологӣ ва аз ҷиҳати хоҷагидорӣ арзишманди намунаҳои нави гандуми мулоими коллексияи ҷаҳонӣ - Институти умумироссиягии растанипарварии Федератсияи Россия (ИУР-и Федератсияи Россия) гирифташуда ва дар шароити ҷануби Тоҷикистон парваришгашта иборат мебошад.

**Мутобиқияти мавзӯъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи илмӣ.** Диссертатсияи илмӣ ба соҳаи кишоварзӣ, ба шаҳодатномаи ихтисоси 06.01.01- Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ мутобиқат менамояд.

Муҳтавои диссертатсия ба чунин бандҳои ихтисоси мазкур мувофиқат менамоянд:

- *банди* 4. Хусусиятҳои ташаккулёбии ҳосилнокии намудҳо (навъҳо)-и растаниҳо вобаста аз шароитҳои обӣ ва лалмӣ. Муайян намудани вокуниши (реаксияи) растаниҳо вобаста аз намуд ва усули обмонӣ, дараҷаи зичии ниҳолҳо, усулҳои парвариш ва ҷамъоварии ҳосил.

- *банди 5.* Вокуниши (реаксияи) экологии намудҳо (навъҳо) дар сурати тағйирёбии муҳити беруна (муносибат ба ҳарорат, шароити хок, инчунин дар шароити таъмин будан бо намӣ, ғизо ва дараҷаи равшанӣ).

- *банди* 6. Таъсири шароити беруна ба захирашаии ангиштобҳо, равғанҳо, никотин, ташаккули ғоз (клетчатка) ва сифати онҳо.

Инчунин нуктаҳои илмии дар диссертатсия инъикосёфта ба соҳаи таҳқиқоти ихтисоси 06.01.01 – Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ, ки таҳқиқи аломатҳои морфологӣ ва аз ҷиҳати иқтисодӣ пурарзиши намунаҳои арзишманди гандуми мулоимдонро аз хазинаи ҷаҳонии ИУР-и Федератсияи Россия дар шароити ҷануби Тоҷикистон пешбинӣ менамояд, мувофиқат намуда, барои тавсия ва истифодаи намунаҳои сермаҳсул, устувор ва ба шароити ҷануби Тоҷикистон мувофиқи гандум, тибқи номгӯи ихтисосҳои кормандони илмии кишоварзӣ ва биология мувофиқат менамоянд.

**Навгонии илмии диссертатсия аз он иборат аст, ки бори аввал** хусусиятҳои ташаккулёбии аломатҳои морфологӣ ва аз ҷиҳати хоҷагидорӣ фоиданоки 15 намунаҳои нави гандуми коллексияи ИУР-и Федератсияи Россия дар шароити иқлими ҷануби Тоҷикистони бори аввал муқаррар карда шуданд. Инчунин, коррелятсияи аломатҳои гуногуни дар намунаҳои нави мутобиқшудаи гандум аз коллексияи ҷаҳонӣ дар иқлими гарми ҷануби Тоҷикистон муайян карда шуд. Нишон дода шуд, ки намунаҳои нави мутобиқшудаи гандуми аз коллексияи ҷаҳонӣ гирифташуда назар ба навъи гандуми назоратии Ормон 1,5-2,4 баробар серҳосил мебошанд.

**Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуи диссертатсия 21 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда, ба нашр расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Сохтори диссертатсия аз муқаддима, 5 боб, хулосаҳо ва хулосаи умумӣ иборат буда, 19 диаграмма, 26 ҷадвал ва 30 аксро дар бар гирифта, дар 138 саҳифа таҳия шудааст. Рӯйхати адабиёт аз 150 номгӯй, аз ҷумла 90 адад ба забонҳои хориҷӣ иборат мебошанд.

Унвонҷӯ дар қисми муқаддимавии диссертатсия чунин маълумотро пешниҳод намудааст: мубрамиятии кори илмӣ, алоқамандии таҳқиқот бо барномаҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, мавод ва объекҳои тадқиқот,

навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи боваринокӣ, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, саҳми шахсии унвонҷӯ, апробатсияи таҷрибаҳо ва истифодаи натиҷаҳои илмӣ, ҳаҷм, сохтор, интишори маводи диссертатсия ва ғайраҳо.

**Боби I. Тафсири адабиёт**. Ин боби барои омӯзиши сарчашмаҳои илмӣ равона гардидааст. Дар ин бобмасъалаҳои зерин ба монанди: а) аҳамияти гандум дар таъмини озуқаворӣ; б)таъсири шароитҳои гуногуни агроэкологӣ ба ҳосилнокии гандум; в) маводи коллексионӣ ва селексияи навъҳои гандум; г) таъсири нуриҳои маъданӣ ва органикӣ дар органикӣ ба ҳосилнокии гандум; д)аломатҳои морфологӣ ва нишондиҳандаҳои арзишноки гандум; е) истеҳсоли гандум дар ҷаҳон ва Тоҷикистон; ё)оид ба таъсири хокҳои шӯр ба инкишофи гандум мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Дар баробари афзалиятнокӣ, дар ин боб камбудиҳо низ ҷой доранд. Ба монанди:

1.Дар бораи ҳосилнокии муқоисавии намунаҳо ва навъҳо маълумотҳо аз сарчашмаҳои адабиёти илмӣ оварда нашудааст.

2. Дар боби мазкур бисёр масъалаҳое, ки ба диссертатсия дахл надорад, оварда шудааст. Масалан: аҳамияти гандум дар таъмини амнияти озуқаворӣ, аломатҳои морфологӣ ва нишондиҳандаҳои арзишнокӣ гандум, истеҳсоли гандум дар ҷаҳон ва Тоҷикистон, оид ба таъсири хокҳои шӯр ба инкишофи гандум ва ғайра.

3. Номи муаллифҳо дар бисёр ҳолатҳо ба пурраги оварда нашудааст ва солҳо вуҷуд надоранд;

Аммо дар боби мазкур барои амалӣ намудани мақсади рисола маълумотҳои зарури аз адабиёти илмии муосир гирифта шудааст ва таҳлили лозимӣ ба иҷро расонида шудааст.

**Боби 2. Шароит, объектҳо ва усулҳои таҳқиқот**

Дар боби дувум мавқеъ, шароит ва методикаи гузаронидани таҳқиқот интишор гардидааст. Дар ин боби унвонҷӯ, маълумоти заруриро доир ба нишондодҳои хоку иқлими водии Вахши вилояти Хатлон, усулҳои гузаронидани таҷрибаҳои илмӣ, таркиби хокҳои минтақаи таҳқиқот, таснифи маводи омӯзишӣ ва доир ба технологияи парвариш намунаҳои гуногуни гандум маълумоти саҳеҳро пешниҳод кардааст.

Камбудии ин боб дар он аст, ки мушоҳидаҳо ва ченакҳо, инчунин ба ҳисобгирии биометрии растаниҳо ба кадом роҳ ва усул муайян карда мешавад, оварда нашудааст. Бояд усули гузаронидани таҳқиқотҳо ба пурраги оварда мешуд, беҳтар буд.

**Боби 3. Натиҷаҳои таҳқиқот.** Дар боби 3-ум диссертатсия унвонҷӯ ба ҷунин масъалаҳои муҳими илмӣ диққати асосиро равона кардааст: омӯзиши

хусусиятҳои афзоиш ва рушди намунаҳои нави гандуми мулоими аз коллексияи ҷаҳонӣ гирифташуда; давомнокии давраҳои сабзиши намунаҳои гандуми мулоимдонаи таҳқиқшаванда; тавсифи аломатҳои генетикии намунаҳои ояндадори гандуми мулоими коллексияи ҷаҳонӣ дар шароити ҷануби Тоҷикистон; сохтори ҳосили намунаҳои нави гандум аз коллексияи ҷаҳонӣ барои муайян намудани маҳсулнокии он дар шароити ҷануби Тоҷикистон; нишондиҳандаҳои биокимиёвии дони намунаҳои нави гандуми аз коллексияи ҷаҳонӣ гирифта дар шароити ҷануби Тоҷикистон, таҳлили сохтории ҳосили намунаҳои гандум дар шароити водии Вахш; таъсири нуриҳои маъданӣ (нитроаммофоска) ба вазни биологии умумии намунаҳои гандум дар шароити ҷануби Тоҷикистон парваришшуда; ҳосилнокии намунаҳои гандуми мулоимидонаи таҳқиқшуда нисбат ба навъи «Ормон», ҳангоми кишт ворид намудани нурии маъдании нитроаммофоска ва ғайраҳо.

Таҳқиқот оид ба таъсири нурии маъдании нитроаммофоска гузаронидашуда нишон дод, ки ҳангоми кишт ворид намудани миқдори 300, 400 ва 500 кг/га нитроаммофоска намунаҳои гуногуни гандум вобаста аз хусусиятҳои генетикиашон ба таъсири нитроаммофоска ба тарзи гуногун ҷавоб мегардонанд. Вале бояд гуфт, ки ҳамаи намунаҳои мутобиқшудаи гандум дар ҳамаи вариантҳои таҷриба нисбат ба навъи назоратии «Ормон» дар шароити ҷануби Тоҷикистон натиҷаҳои беҳтари ҳосилнокиро нишон доданд. Дар варианти бе воридкунии нитроаммофоска намунаҳои гандум ITMI-5, ITMI-30 ва ITMI-32 ҳосили баланд дода, ҳосилнокии онҳо нисбат ба навъи назоратии «Ормон» 91,1 ва 87,9 ва ё 91,7% бештар буд. Ба ҳисоби миёна дар ҳамаи вариантҳои таҷриба (бе ворид намудани нурӣ ва ворид намудани нитроаммофоска ҳангоми кишти гандум) ҳосилнокии чунин намунаҳо, ба мисли ITMI-5, ITMI-30 ва ITMI-32 аз навъи «Ормон» мувофиқан 91,1; 87,9 ва 91,7 % (ва ё 1,9 маротиба), инчунин аз дигар намунаҳои гандум дар шароити ҷануби Тоҷикистон парваришшуда зиёд мебошад.

Дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқотҳои илмӣ унвонҷӯ муайян намудааст, ки намунаҳои нави гандуми ITMI-4, ITMI-5, ITMI-7, ITMI-30 ITMI-32, ITMI-75, ITMI-77 ва ITMI-103 аз рӯйи ҳосилнокӣ аз навъи назоратии «Ормон», тахминан 1,82-2,02 маротиба бартарӣ дорад. Инчунин ин намунаҳои серҳосили гандуми мулоимдонаро дар оянда барои санҷиш ба Коммиссияи давлатии навъсанҷӣ ва ҳимояи навъҳои навҳои нави зироатҳои кишоварзии Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия менамояд.

Унвонҷӯ дар ҷараёни таҳқиқоти илмӣ самаранокии иқтисодии намунаҳои нави гандуми мулоими ITMI-5, ITMI- 30 ва ITMI-32 -ро аз рӯйи нишондиҳандаи даромаднокӣ нисбат ба навъи «Ормон» исбот менамояд. Ба ҳисоби миёна аз ҳамаи намунаҳои нави гандуми дар шароити шаҳри Бохтари

вилояти Хатлон парвариш карда шуда, нисбат ба гандуми навъи «Ормон» қариб то 296,6% бештар даромад гирифтан мумкин аст.

## Боби 5. Баррасии натиҷаҳои таҳқиқот

Дар боби мазкур уновонҷӯ собит намудааст, қимати нишондоди вазни биологии намунаҳои гандумҳо дар фосилаи аз 155 то 200% қарор дошт. Ин аз варианти назоратӣ мутаносибан 1,5 ва 2,0 маротиба зиёд аст. Бояд қайд кард, ки намунаи нави гандуми ITMI-30 ва ITMI-32 аз рӯйи ин аломат аз навъи назоратии «Ормон» мувофиқан 192 ва 200% фарқ мекарданд.

Дар муқоиса бо дигар намунаҳо ҳосилнокии аз ҳама баландро намунаи ITMI-5 доро мебошад, ки ҳосилнокии он аз навъи гандуми «Ормон» ба микдори 3,32 т/га ва ё ин ки 89,73% зиёд мебошад. Фоида аз парвариши гандум дар варианти истифодаи 500 кг/га нурии маъданӣ ҳангоми кишт дар байни намунаҳои киштшуда ба микдори 1,94-8,58 ҳазор сомонӣ/га-ро ташкил медиҳад.

Маблағи умумии даромад ба ҳисоби миёна аз ҳамаи намунаҳои гандуми кишташуда дар ин вариант ба 5,8 ҳазор сомонӣ/га баробар гашт.

Ба ҳисоби миёна дар ҳамаи вариантҳои таҷриба (беворид намудани нурӣ ва ворид намудани нитроаммофоска ҳангоми кишти гандум) ҳосилнокии чунин намунаҳо, ба мисли ITMI-5, ITMI-30 ва ITMI-32 аз навъи «Ормон» мувофиқан 91,1; 87,9 ва 91,7 % (ва ё 1,9 маротиба), инчунин аз дигар намунаҳои гандуми дар шароити ҷануби Тоҷикистон парваришшуда зиёд мебошад.

Ҳамин тариқ, қайд кардан мумкин аст, ки дар шароити вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз парвариши намунаҳои нави гандум дар варианти ворид намудани 300 кг/га нитроаммофоска дар шароити истеҳсолии ҷануби Тоҷикистон ҳудуди 2,52-9,60 ҳазор сомонӣ/га фоида ба даст овардан мумкин аст.

Дар муқоиса бо навъи «Ормон» парвариши намунаҳои гандуми ITMI-5, ITMI-30 ва ITMI-32 дар шароити вилояти Хатлон даромаднокиро 398,5-411,1% (ва ё 8,25-8,51 ҳазор сомонӣ/га) бештар таъмин менамоянд. Бинобар ин, намунаҳои нави гандуми мулоимдонаи таҳқиқшуда, ки аз коллексияи ҷаҳонӣ дастрас карда шудаанд, ба монанди ITMI-5, ITMI-30, ITMI-32 ва ITMI-103 барои истифодабарӣ дар корҳои селексионӣ ва барои парвариш дар истеҳсолот тавсия карда мешаванд.

Унвонҷӯ дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқоти илмӣ доир ба мавзӯи кори илмиаш чунин хулосаҳо ва тавсияҳои зарурирро пешниҳод намудааст.

Ҳамин тавр, бояд қайд намуд, ки унвонҷӯ дар рисолаи илмӣ натиҷаҳои зуруриии ба даст овардаашро бо забони фаҳмо ва оммафаҳм хеле моҳирона баён намуда, як кори арзишманди илмиро ба итмом расонидааст.

**Бояд қайд намоем, ки дар баробари тарафҳои мусбии кор дар диссертатсия ва автореферат камбудиҳо ва хатогиҳои зерин мавҷуд мебошанд:**

1. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ мавҷуд мебошад.
2. Бояд дар кори таҳқиқоти илмии унвонҷӯ якчанд навъҳои гандуми олимони тоҷик, ки тайи солҳои охир ихтиро намудаанд ва онҳо дар шароити иқлимии водии Вахш ҳосили баланд дода истодаанд, низ омӯхта мешуданд.
3. Дар боби 3, зербоби 3.1, саҳифаи 74 номи ҷадвали 3.1.1 ва нишондодҳо нопура оварда шудааст.
4. Нишондодҳои ҷадвали 3.7.1 (саҳ. 92 ), нақши 3.7.1 (саҳ.93), нақшаи 3.7.2(саҳ.94) на он қадар саҳеҳ пешниҳод шудааст.
5. Дар автореферат баъзе хатогиҳо ва норасогӣ дида мешавад.
6. Хулосаҳои кор ниҳоят васеъ навишта шудаанд.
7. Тавсияҳо оид ба истеҳсолотро аз нав таҳрир намудан лозим меояд.

Эродҳо ва камбудиҳои дар боло зикр гардида, арзишнокии илми доштани диссертатсияро коста намегардонад ва ба муҳтавои он таъсири манфии зиёд намерасонад. Пас аз таҳлили кор хулоса менамоям, ки диссертатсияи Резмонова Қурбоной Шарифовна бешубҳа зинаи ба анҷомрасидаи таҳқиқоти илмӣ ба шумор меравад. Дар давоми солҳои таҳқиқоташ маводҳои зиёди илмӣ ҷамъоварӣ намудааст. Натиҷаи таҳқиқоти аҳамияти калони таҷрибавӣ ва истеҳсолӣ дорад. Тавсияҳои унвонҷӯро дар шароити истеҳсолотӣ минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ истифода бурдан мумкин аст.

Диссертатсияи Резмонова Қурбоной Шарифовна аз рӯйи зарурати омӯзиши мавзӯъ, навгониҳои илмӣ, мазмуни илмию амалии натиҷаҳои ба даст овардашуда ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 ва 37 низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиби сарфароз гардонидан ба дараҷаҳои илмӣ аз 30 июни соли 2021 таҳти рақами 267 ва Дастурамали оид ба таркиби ба расмиятдарории диссертатсия ва автореферати дисссертатсия (қарори раёсати Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда ба талаботи КОА – назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат менамояд ва муаллифи он Резмонова Қурбоной Шарифовна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01.-зироаткории умумӣ, растанипарварӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:** доктори илмҳои кишоварзӣ,
академики Академияи илмҳои кишоварзии

Тоҷикистон ва Федератсияи Россия, профессори кафедраи растанипарварии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур Набиев Толиб

Имзои академик Т. Набиевро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур Қурбонзода А.Х.

«25» июни 2025 .

*Суроғаи хизматӣ:* 734003,Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ 146
E.mail tolib.nabiev@imbox.ru
Тел :+992935035218